**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Бояд қайд кард, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар доираи яке аз бандҳои нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2016-2020, ки «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, омода гардидааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифтааст, ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии зикршуда ба ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи соҳибкории кишварамон равона гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки иқтисодиёти ҳама гуна давлатро низоми соҳибкории ташаккулёфта, ки дар он нақши муҳимро соҳибкории хурд ва субъектҳои гуногуни амаликунандаи он иҷро менамояд, ташкил медиҳад. Аз ин ҷо таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳалли проблемаҳои соҳибкории хурд ҳамчун омили болоравии сатҳи иқтисодиёти кишвар, асосҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкории хурд равона гардида, додани имтиёзҳои қарзӣ (кредитӣ) ва молиявии давлатӣ ба онҳо, муҳайё намудани шароит барои рушди соҳибкории хурд дар манотиқи кӯҳии кишвар, аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ба шумор меравand. Бо ба инобат гирифтани меъёри м. 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз медорад, ки барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд, кафолати давлатии фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ мусоидат менамояд. Рушди соҳибкории хурд ба инкишофи рақобат мусоидат карда, қисмати зиёди аҳолиро ба шуғл, ҷойи кор таъмин намуда, барои таъмини босубот ва

устувории иқтисодиёт мусоидат менамояд. Ҳалли масъалаҳои зикршуда танҳо бо роҳи татбиқи воситаҳои самараноки хислати ҳуқуқӣ-хусусӣ ва оммавӣ-ҳуқуқидошта, ки соҳибкории хурдро ҳавасманд ва дар ҳамин замина дастгирии ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурдро таъмин менамоянд, имконият дорад. Аз ин ҷо масъалаҳои омӯзиши раванди ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузорӣ, вазъи ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, муқаррарнамоии навъҳо, шаклҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкории хурд, бартараф намудани маҳдудиятҳои беасос ва дар ҳамин замина таъмини минбаъдаи рушди самараноки танзими ҳуқуқии раванди амалинамоии соҳибкории хурд зарурати таҳлили илмиро талаб менамоянд (саҳ. 3,4).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити соҳибистиқлолии кишварамон нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ба шумор меравад, ки дар илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш ба проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд, хусусан мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, мафҳум ва моҳияти ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд, ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд, хусусияти ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, таҳлилҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо, алоқамандии онҳо барои мусоидати рушди соҳаи соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва шаклҳои ҳуқуқии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон навгонӣ мебошанд (саҳ.8).

Чун қоида муаллиф дар таҳқиқоти хеш вобаста ба мавзӯи диссертатсия нуктаҳои илмии зарурирo коркард ва ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории он арзиши муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд (саҳ. 8-11). Хусусан, муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд нишон медиҳад, ки соҳибкории хурд ҳамчун қисми таркибии соҳибкорӣ, соҳаи махсуси танзими ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати хусусият воҳиди маҷмӯӣ буда, моҳият ва мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Моҳияти иқтисодии соҳибкории хурд дар тавсифи диалектикӣ ва бисёрмеъёрии рушди он зоҳир ёфта, ба сифати бахши мустақили иқтисодиёт барои ба даст овардани фоида

равона карда шуда, бо дараҷаи баланди номуайянӣ ва таваккал, ҷавобгарӣ, қобилият ба ҷорӣ намудани навоварӣ ва ғайра асос меёбад. Моҳияти (мазмуни) ҳуқуқии соҳибкории хурд аз мафҳуми расмии фаъолияти соҳибкорӣ, ки қонунгузории ҶТ онро ҳамчун фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст, ба миён меояд (қ. 3, м. 1 КГ ҶТ ва қ. 1, м. 8 Кодекси андози ҶТ ).

Таҳлили муносибати назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян кардани субъектҳои соҳибкории хурд дар ҶТ ва таҷрибаи байналмилалӣ ба муаллиф имкон фароҳам овардааст хулоса намояд, ки асос барои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бояд муносибати омехта бошад, ки дар худ аломатҳои миқдорӣ ва сифатии тааллуқ доштани субъектро ба субъекти соҳибкории хурд ифода намуда, барои то дараҷае ба таври пурра ва объективона кушодани моҳияти иқтисодӣ-ҳуқуқии соҳибкории хурд ҳангоми барасмиятдарории ҳуқуқии он мусоидат намояд ва ба ягонагии равиши инкишофи қонунгузории ҶТ созгор бошад. Ҳамзамон, ба андаешаи муаллиф ба мақсад мувофиқ мебуд, агар қонунгузории ҶТ-ро бо таҷрибаи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ оид ба шумораи кормандони бо кор машғулбуда пурра карда шавад.

Нисбати моҳияти ҳуқуқии фаъолияти ҳунармандӣ қайд мегардад, ки фаъолияти ҳунармандӣ – як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд оид бо тарзи дастии истеҳсолот ё ин ки бо истифодаи воситаҳои механиконии хурд дар асоси истифодаи малакаи касбии эҷодӣ ва маҳоратнокии касбии истеҳсолӣ ё таъйиноти ороишотии дорои хусусияти муқарраршудаи инфиродии муайян мебошад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти ҳавасмандгардониҳои рушди соҳибкории хурд чунин хулосабарорӣ мекунад: «Ҳавасмандии иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд нияти ҳуқуқии баамалбарории фаъолият оид ба таъсис ва баамалбарории фаъолияти соҳибкории хурд аз ҷониби субъектҳои он тибқи қонунгузорӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд мебошад. Ҳавасмандгардониҳои рушди соҳибкории хурд моҳияти иқтисодию ҳуқуқӣ дошта, онҳо дар алоқамандӣ қарор доранд. Онҳо ҳамчун чораҳои мусбати иқтисодию ҳуқуқӣ барои ноил гардидан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ гирифтани фоида равона карда шудаанд».

Дар таҳқиқоти мазкур проблемаи асосии маҳдудияти ҳуқуқии соҳибкории хурд қайд гардида, ҳамзамон таъкид шудааст, ки маҳдудияти ҳуқуқии соҳибкории хурд аз нуқтаи назари қонунгузор

боздошти ғайриқонунӣ ва номатлуби амалҳои шарикони хусусӣ ва оммавӣ дар соҳаи соҳибкории хурд буда, барои қонеъ гардонидани манфиатҳои хусусӣ ва оммавии субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам меорад.

Дар нуктаи дигари ба ҳимоя пешниҳодшаванда бошад, муаллиф дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурдро низоми бо қонунгузорӣ муқарраргардидаи меъёр, усул, чора ва воситаҳо меномад, ки дар маҷмӯъ ба ташкил ва таъмини кори самараноки онҳо равона гардида, ҳавасмандгардонии ҳуқуқии субъектҳои мазкур ва маҳдудиятҳои ҳуқуқии шахсони бо онҳо алоқамандбударо баҳо медиҳад.

Нуктаи илмии дигар, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷолиб менамояд, ки ифодакунандаи мафҳуми шакли ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд ҳамчун чораҳои (усул, воситаҳои) аниқи дорои хусусияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маҳдуд ва ҳавасмандкунандае мебошад, ки ба таъсис ва (ё) дастгирии сатҳи фаъолияти низоми субъектҳои соҳибкории хурд равона гардидаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур ғайр аз нуқтаҳои илмии назариявӣ, инчунин нуктаҳои илмии амалии дигар, ки ба такмили қонунгузории амалкунанда вобаста ба бартараф намудани норасоиҳо дар танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд равона шудааст, коркард ва пешниҳод гардидааст ва онҳо дар маҷмӯъ барои боз ҳам хубтар рушд кардани соҳибкории хурд дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард (саҳ. 10-11).

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммали илмӣ-тахассусии бaанҷомрасида буда, натиҷаҳои илмии назариявӣ ва амалии ҳосилгардидаи он, на танҳо барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории кишварамон, балки барои рушди дигар илмҳои соҳавӣ низ мусоидат хоҳад кард. Таҳлили диссертатсияи мазкур, хусусан ақидаҳои илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, мафҳумҳои илмӣ, мушкилоти гуногуни қонунгузорӣ, мавриди таҳлили танқидӣ қарор додани ақидаҳои илмии ҷойдошта, дар ҳолатҳои зарурӣ ва масъалаҳои баҳснок муайян намудани мавқеи мустақили хеш, ҳамзамон асоснок сохтани натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, ки дар заминаи истифодаи номгӯи адабиёти гуногуни илмӣ ва амалӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот ба даст омадаанд, оид ба асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур шаҳодат медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ,

ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва усулҳои байнисоҳавӣ истифода бурда шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мeёбад, ки натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур ҳосилгардидаро ҳангоми навиштани корҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ (корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатми бакалаврӣ ва магистрӣ, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо ва ғ.) ва илмӣ-методӣ (навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳо, воситаҳо ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои таълимӣ ва ғ.) истифода намудан мумкин аст. Дар фаъолияти амалӣ бошад, натиҷаҳои илмии ҳосилгардидаро ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, курсҳо ва семинарҳои махсус, фанҳои интихобӣ низ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот, инчунин ҳангоми таҳия ва коркарди консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, истифода намудан мумкин аст. Зиёда аз ин, натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур ҳосилгардидаро зимни такмили қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ вобаста ба соҳибкории хурд, дар таҷрибаи фаъолияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи соҳибкорӣ, ки ба танзими масъалаҳои вобаста ба соҳибкории хурд машғул мебошад, ҳамзамон дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ зимни иштироки онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти судӣ низ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандҳои гражданӣ ва иқтисодӣ вобаста ба соҳибкории хурд низ истифода намудан аз манфиат холӣ намебошад. Маҷмӯан хулоса, таклиф ва пешниҳодоти илмии баёнгардидаи муаллиф дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ буда, онҳо на танҳо ба рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, балки ба рушди қонунгузории он низ вобаста ба мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ**. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар доираи мавзӯи таҳқиқот чопгардида мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертант нисбати мавзӯи таҳқиқот 12 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки онҳо ба таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бахшида шудаанд. Аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Ғайр аз ин, нуктаҳои илмии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя

пешниҳодгардида дар мақолаҳои илмии чопгардида ва дар баромадҳои илмии муаллиф бо маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун низ инъикос гардидаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, аз рӯйи мазмун ва моҳияти хеш фарогири масъалаҳо ва мушкилоти гуногун мебошад. Зимнан, тамоми масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқотро, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ташкил медиҳанд метавон дар шакли диссертатсия муттаҳид сохта ҳамчун кори мукаммали илмӣ-тахассусии анҷомёфта пешниҳод намоем.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмии проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ташкил дода, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкории хурдро дар бар мегирад.

Вазифаҳои таҳқиқоти мазкур муайян намудани мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, таҳқиқи моҳият ва мафҳуми ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд, таҳқиқи ташаккул ва рушди қонунгузории ҶТ дар соҳаи соҳибкории хурд, баррасии ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун субъекти соҳибкории хурд, муайян намудани бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, омӯзиши асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои фаъолияти онҳо, инчунин, шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, таҳияи пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (саҳ. 6).

Бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, сохтори диссертатсия муайян карда шуд, ки он аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 162 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия таъкид гардидааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида ба ду қисм, яке пешниҳодҳои назариявӣ ва дигар пешниҳодҳои амалӣ ҷудо мешаванд, ки

дар онҳо муаллиф ҷавҳари таҳқиқоти амалигардидаро инъикос намудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов И.М. ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусӣ ба рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории он вобаста ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд мусоидат хоҳад намуд. Зиёда аз ин, таҳқиқоти мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, низ мутобиқат менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар баробари муваффақиятҳои кор, инчунин масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар ҳимояи ошкоро онҳо шарҳу тавзеҳи худро тақозо менамоянд.

1. Бояд қайд намоем, ки диссертант дар диссертатсия зикр менамояд, ки мафҳуми расмии фаъолияти соҳибкории баёнгардида аломати касбиятро истисно мекунад. Касбият ифодакунандаи хусусияти инсон мебошад, ки иҷроиши самаранок, бонизом ва устувори фаъолиятро дар ҳолатҳои алоҳида ифода мекунад. Аз ин рӯ, ин аломат дар унсурҳои таркибии мустақилият ва таваккали соҳибкор инъикос меёбад ва худ аломати мустақил буда наметавонад (саҳ. 20). Хулосаи муаллиф баҳснок мебошад, зеро баъзе намуди фаъолиятро, аз ҷумла тиббӣ ва бонкдорӣ танҳо дар асоси касбият амалӣ намудан имкон дорад.

2. Диссертант қайд менамояд, ки ба он нигоҳ накарда, ки қонунгузорӣ имконияти таъсиси ташкилотҳои соҳибкории хурдро дар шакли ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ пешбинӣ менамояд, дар амал ин шакл ҳам дар сурати таъсиси ташкилотҳои соҳибкории хурд ва ҳам ҳангоми таъсиси ташкилотҳо умуман ниҳоят кам ба назар мерасад. Чунки хусусияти ҷавобгарии иловагии иштирокчиёни ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ асосан манфиати на худи иштирокчиён, балки қарздиҳандагонро кафолат медиҳад (саҳ. 84). Дар рӯзи ҳимоя шарҳи васеътари ин андеша ба мақсад мувофиқ аст.

3. Муаллиф дар матни диссертатсия қайд менамояд, ки воситаи муҳимми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурд одатан дахолати

молиявии давлат ба шумор меравад. Он ҳам аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ (субсидия, дотатсия) ва ҳам аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо (имтиёзи андозӣ, бурсияҳо оид ба қарз) ба амал бароварда мешавад (саҳ. 122). Ақидаи мазкур мухолиф ба принсипи озодии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Зеро давлат наметавонад ба фаъолияти соҳибкории дар асоси қонун амалишаванда мудохила намояд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои номбаршуда аз ҷиҳати илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба ҷанбаи илмии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва онҳо вобаста ба тарзу усули баёни фикри муаллифи диссертатсия зикр гардидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Диссертант Шарифов И.М. аспиранти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки чунин ҳолат гувоҳи мутобиқати ихтисоси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст. Диссертатсияи мазкур саҳми шахсии муаллиф дар инкишофи назарияи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аҳаммияти илмии диссертатсия бо он вобастагӣ дорад, ки дар он роҳу усулҳои мусбати аз ҷиҳати назариявӣ асоснок бахри ҳалли масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд пешниҳод карда шудааст. Автореферат ба мазмуни диссертатсияи номзадӣ мувофиқат менамояд.

Батартибандозӣ ва мазмуни дастнависи диссертатсия ва автореферати Шарифов И.М. асосан ба талаботи муқарраршудаи тартиби омода намудани диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мутобиқат менамояд. Вобаста ба ин, диссертатсияи Шарифов И.М. дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ аҳаммияти муҳим ва саривақтӣ дошта, ҳамзамон кори илмӣ-тахассусии бaанҷомрасида буда, дар он муқаррароти назариявӣ ва амалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки онҳо барои ҳалли мусбати як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ ҷойдошта имконият медиҳанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Исмоилов Ш.М.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14; тел.: (+992 237) 231-08-37, 231-02-01
email: tgfeu@tgfeu.tj

«Имзои Исмоилов Ш.М.-ро тасдиқ менамоям»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Раҷабов Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

« 28 » 10 соли 2020